ПРОТОКОЛИ № 49.2
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

аз 24 январи соли 2026 **ш. Хуҷанд**

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

Раиси шуро: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, №289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, ки 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи барасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, Ҳоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя қабул кардани диссертатсияи Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н., узви комиссия, д.и.и., профессор Газибеков С.А. ва д.и.и., профессор Раҳимов А.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. **Муқарризони расмӣ** таъин карда шаванд:

- Бойматов Алиҷон Азизович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- Пӯлодова Хуршеда Шарифҷоновна, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷменти МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 11 апрели соли 2026, соати 09:00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Ризозода Т.Р.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент **Саиджонов С.Ш.**